ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ

Кафедраи иқтисодиёти чахонӣ

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ ВА БАРНОМА ОИД БА ГУЗАШТАНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМИЮ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ЗИНАИ БАКАЛАВР

барои донишҷӯёни зинаи бакалаври ихтисосҳои иқтисодӣ (25010300-иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва 25010304-идораи инвеститсияҳои хориҷӣ

**Душанбе – 2022**

**С**аидмуродова М.А. Дастури методӣ ва барнома оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ дар зинаи бакалавр. – Душанбе: ДМТ, 2022, 40 саҳ.

**Муқарризон: д.и.и., профессор Ҷонмамадов Ш.Б.**
**н.и.и., дотсент Гулов Ш. М.**

Таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ ҷузъи асосии раванди тайёр намудани мутахассисон дар зинаи бакалаври самти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ донишҳои назариявии андӯхтаи худро ба низом дароварда, роҳҳои дар амал ҷорӣ намудани онҳоро мустаҳкам месозад, инчунин қобилиятнокии худро дар самти қабули қарорҳои иқтисодӣ дар ҳолатҳои гуногуни истеҳсоливу идоравӣ сайқал медиҳад.

Барнома ва дастури мазкур мақсаду вазифаҳо, масъалаҳо, тарзи ташкил, роҳбарӣ ва гузаштани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолиро шарҳ дода, хусусиятҳои навиштан ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзиро дарбар мегирад.

Дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти чахонӣ суратҷаласаи №15 аз 17.05. соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси Шӯрои илмӣ-методии факултети милиявию иқтисодии ДМТ суратҷаласаи №11 аз 15 .06. соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

Раиси шӯрои методии факултет, н.и.и. Иброҳимзода И.Р

Бо қарори Шӯрои методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон суратҷаласаи №___ аз «____»________с. 2022 ба чоп тавсия карда шудааст.

**Мундарича**

1. Муқаррароти умумӣ
2. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ
3. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ
4. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ
5. Барномаи таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ
5.1. Нақшаи тақвимии мавзӯот барои таҳлил ва омӯзиш
5.2. Мундарилаи таҷрибаомӯзӣ
6. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ

Замимаҳо

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар давраи таҳсил бояд ба мақсади чуқуртар омӯхтани фанҳои ҷудогонаи махсус ва фанҳои ихтисос дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва соҳаҳои муносибатҳои байналхалқӣ, дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, идораҳо ва сохторҳои давлатӣ ва инчунин дар ширкатҳо ва фирмаҳои шаклҳои гуногуни моликият ташкил карда шавад.

2. Таҷрибаомӯзии истеҳсолии пеш аз кори хатмкунии донишҷӯ ҷузъи ҳатмии нақшаи таълимӣ мебошад. Ба ташкили таҷрибаомӯзӣ макотиби олӣ ҷавобгар аст. Таҷрибаомӯзии истеҳсолии пеш аз кори хатмкунии донишҷӯ чунин бояд ташкил карда шавад, ки донишҷӯ имконияти истифодаи малакаи гирифтаашро дар вақти навиштани кори хатмкунӣ дошта бошад. Агар донишҷӯ таҳсилро дар макотиби олӣ бо кор дар яке аз соҳаҳои хаҷагии халқ якҷоя пеш барад, макотиби олӣ ҳуқуқ дорад гузаштани таҷрибаро дар ҷои кори донишҷӯ иҷозат диҳад, бо он шарт,

ки хислати кори аз тарафи донишҷӯ иҷрокардашаванда ба соҳаи тахассусе, ки аз рӯи он вай дар макотиби олӣ таҳсил мекунад мувофиқ бошад.

3. Гузаштани таҷриба барои донишҷӯёни курсҳои 2-юм, 3-юм ва 4-уми ихтисоси 25010300- иқтисодиёти ҷаҳон ва курсҳои 2-юм, 3-юм ва 4-уми ихтисоси 25010304- идораи инвеститсияҳои хориҷӣ бояд мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи таҷрибаомӯзии аз тарафи донишгоҳ тасдиқ кардашуда сурат гирад ва бо тартиб додани ҳисобот оид ба таҷриба ва ҳимояи он анҷом пазирад.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ

1. Мақсади асосии гузаштани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ аз тарафи донишҷӯ ин мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва амалии дар давоми таҳсил гирифта ва истифодаи дурусти малака дар тадбири унсурҳои илмию методии фанҳои гуногуни тахассусӣ, инчунин

ҷамъ ва коркарди мавод барои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани кори хатмкунӣ ба ҳисоб меравад.

2. Барои амалигардонии ин мақсад дар таҷрибаомӯзӣ вазифаҳои зерин гузошта шудаанд, ки ба се самт тақсим мегарданд:

2.1. Ба даст овардани малакаи кори таҷрибавӣ дар идораҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои мухталиф, бонкҳо, корхонаҳои муштарак, ширкатҳо ва ғайраҳо:

- омӯзиши вазифаҳо ва сохтори объекти таҷрибаомӯзӣ;

- омӯзиши принсипи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ ва моҳияту зарауурияти ташкили зерсохторҳо;

- дида баромадани вазифаҳои сохторҳои дахлдори иқтисодӣ, илмию тадқиқотӣ, банақшагирии стратегӣ, таҳлилӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ;

- омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ ва кори ҷорӣ-амалиётии сохторҳо;

- таҳлили муқоисавии сохторҳо ва зерсохторҳо аз нуқтаи назари вазифаҳо ва кори ҷорӣ-амалиётӣ;

- иштирок дар гузаронидани амалиётҳои ҷорӣ, чорабиниҳо, семинарҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба объекти таҷрибаомӯзӣ дахл доранд;

- омӯзиши тарзи истифодаи малакаи назариявӣ дар таҷриба (алоқаи назария бо амалия).

2.2. Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маводҳои даркорӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ бо роҳи:

- омӯзиши таркибии ҳуҷҷатҳои асосии шӯъбаҳо ва сохторҳои дахлдор;

- дида баромадан ва шинос шудан бо қонунгузорӣ дар соҳа, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, ва низомномаҳо, ки ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа алоқамананданд ё асоси фаъолият мебошанд;

- дида баромадани ҳисоботҳои даврагӣ (семоҳа, нимсола, солона) оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва ё сохторҳои дахлдори он;

- ҷамъ намудани маводҳои рақамӣ оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа ва шинос шудан бо тарзу усули коркард ва истифодаи таҷрибавии онҳо;

- омӯзиши маводҳо барои навиштани кори хатмкунӣ (дар ҳолати объекти таҷрибаомӯзӣ ба мавзӯъ мувофиқ омадан бо супориши роҳбари кори хатмкунӣ);

- гирифтани ҳуҷҷатҳои намунавӣ, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ё ҳисоботҳо (дар ҳолати махфӣ набудан) барои таҳлил ва навиштани ҳисобот ё кори хатмкунӣ.

2.3. Мусоидат намудан дар самти интихоби дурусти ҷои корӣ баъди хатми донишгоҳ бо роҳи:

- мувофиқа намудани объекти таҷрибаомӯзӣ бо мавзӯи кори хатмкунӣ, ки дар мисоли он навишта мешавад;

- нишон додани малакаи назариявӣ ва амалӣ ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ;

- гирифтани машварати роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса ва аз донишгоҳ.

## 3. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ

Роҳбарии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» амалӣ гардонида мешавад. Кафедра аз ҳайати омӯзгорони таҷрибанок роҳбарони таҷрибаомӯзиро таъин менамояд, ки бо фармоиши ректори донишгоҳ тасдиқ меёбад.

Баъди ба имзо расидани фармоиши ректори донишгоҳ оид ба таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ барои таҷрибаомӯзӣ рӯзнома ва роҳхат дода мешавад, ки одатан аз тарафи мутасаддии кафедра пур карда шуда, тақсим мегардад. Ҳар як роҳбари таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ-таҷрибаомӯз супориши мушаххаси инфиродӣ, вобаста ба иҷрои кори илмӣ-тадқиқотӣ, курсӣ ё дипломӣ медиҳад, ки дар рӯзнома дарҷ карда мешавад (Замимаи 1). Вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ дар рӯзнома нақшаи тақвими таҷрибаомӯзӣ пур карда мешавад, ки аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва муассиса имзо карда мешавад.

Дар давоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ супоришҳои мушаххасро мувофиқи барнома иҷро

менамояд ва дар муассиса ҳамчун таҷрибаомӯз, коромӯз, ёрдамчӣ ва ё ассистент ҳисобида шуда метавонад. Дар ҳолатҳои зарурӣ таҷрибаомӯзро муассиса метавонад ба яке аз штатҳои холӣ мувақатан (дар муддати таҷрибаомӯзӣ) ба кор қабул намояд.

Вақти кории таҷрибаомӯз вобаста ба реҷа ва тартиби дохилии кории муассиса муайян карда мешавад.

Мутасаддии асосии таҷрибаомӯзӣ роҳбари объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисоб меёбад, ки аз ҳайати роҳбарони идораву шӯъбаҳои муассиса роҳбари таҷрибаомӯзиро таъин менамояд.

***Роҳбари умумии таҷрибаомӯзӣ аз кафедра мудири кафедра*** таъин карда мешавад, ки раванди таҷрибаомӯзиро назорат мебарад ва корҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

- бо объектҳои таҷрибаомӯзӣ пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ робита пайдо менамояд;

- лоиҳаи фармоиши ректори донишгоҳро оид ба таҷрибаомӯзӣ вобаста ба нақшаи таълим таҳия

менамояд, ки дар он ба ҳар як донишҷӯ объект ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ вобаста карда мешавад;

- баъди анҷоми сессияи санҷишию имтиҳонӣ бо гурӯҳҳои академӣ маҷлис оид ба тарзи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ мегузаронад ва роҳбаронит таҷрибаомӯзиро муаррифӣ мекунад;

- дар давоми таҷрибаомӯзӣ якҷоя бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ назорати гузаронидани таҷрибаомӯзиро дар объектҳо амалӣ мегардонад;

- баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ раванди қабул ва ҳимояи ҳисоботҳои таҷрибаомӯзиро ташкил менамояд.

***Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ*** ба донишҷӯ-таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва илмӣ, таҳлили афкори гуногун ва ҳалли дигар масъалаҳо кӯмаки илмӣ-методӣ мерасонад.

Ӯ гузаронидани чорабиниҳоро дар самтҳои зерин таъмин менамояд:

- ба донишҷӯ-таҷрибаомӯз дар давоми таҷрибаомӯзӣ, вобаста ба нақшаи таълим ва самти тадқиқотии кафедра, супориши мушаххас медиҳад;

- сифати гузаронидани таҷрибаомӯзиро назорат мебарад ва мувофиқ будани онро ба барномаи мазкур ва барномаҳои таълимии фанҳои кафедра таъмин менамояд;

- оид ба таъмини шароитҳои мусоиди корӣ дар муассиса ва шинос шудани донишҷӯ-таҷрибаомӯз аз шартҳои бехатарии меҳнат ва реҷаи корӣ назорат мебарад;

- ҳисоботҳои таҷрибаомӯзиро аз назар гузаронида, хулосаи мусбӣ ё манфии худро медиҳад ва дар ҳолати ба талабот ҷавобгӯ гардонидани ҳисобот ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ барои ҳимоя дар назди комиссия иҷозат медиҳад;

- дар комиссияи қабули ҳисоботҳо иштирок менамояд;

- ба мудири кафедра оид ба беҳтар намудани таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар шакли ҳисобот хулосаву пешниҳодоти худро медиҳад.

***Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса:***

- гузаштани раванди таҷрибаомӯзиро мувофиқи барномаи мазкур, супориши мушаххас ва нақшаи тақвимӣ таъмин менамояд;

- оид ба қоидаҳои бехатарии меҳнат, реҷаи корӣ, хусусиятҳои махфияти иттилоот, сири корхона ва дигар паҳлӯхои фаъолияти муассиса машварат медиҳад;

- донишҷӯ(ён)-таҷрибаомӯз(он)ро бо таърихи муассиса, оиннома, низомнома, самти асосии фаъолият, сохтор, шӯъбаҳо, вазифаҳои сохторҳои иқтисодӣ, раванди технологӣ, илмию тадқиқотӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва дигар самтҳо шинос менамояд ё барои омӯхтани онҳо мусоидат мекунад;

- вобаста ба супориши мушаххас бо фаъолияти таҷрибавии шӯъбаҳои дахлдори муассиса шинос менамояд ва бо маводҳои лозимӣ таъмин менамояд;

- интизоми донишҷӯ-таҷрибаомӯзро назорат менамояд ва дар ҳолатҳои аз тарафи таҷрибаомӯз вайрон кардани интизом ба донишгоҳ саривақт хабар медиҳад;

- саривақт пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани ҳисоботро назорат мебарад ва ба таҷрибаомӯз тавсифнома медиҳад.

***Донишҷӯ-таҷрибаомӯз ӯҳдадор аст*:**

- дар ҳолатҳои дар гурӯҳи шарномавӣ таҳсил намудан ва объекти таҷрибаомӯзиаш муайян будан ба мудири кафедра то таҳияи лоиҳаи фармони таҷрибаомӯзӣ хабар диҳад;

- роҳхат, рӯзнома ва барномаи таҷрибаомӯзиро бо супориши мушаххас саривақт аз кафедра гирад;

- саривақт, мувофиқи мӯҳлати дар рӯзнома дарҷёфта, ба муассиса равад ва худро ба қайд гирад;

- бо реҷаи корӣ, интизоми меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ ва тартиботи дохилии муассиса шинос шуда, онҳоро пурра риоя намояд;

- супоришҳои алоҳидаи роҳбари таҷрибаомӯзиро аз муассиса иҷро намояд, ки бо супоришҳои мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва барнома мувофиқ ҳастанд;

- дар ҳолати гузаштани таҷрибаомӯзӣ ягон монеъа ба вуҷуд омадан бояд ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ё мудири кафедра хабар диҳад;

- ҳар рӯз мундариҷаи мухтасари кори иҷрошударо дар рӯзнома қайд намуда, на дертар аз як маротиба дар як ҳафта ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса барои баррасӣ, тағйрот даровардан, имзо ва қайди иҷрои супориш рӯзномаашро пешниҳод намояд;

- дар асоси қайдҳои кардашуда, маводҳои ҷамъкардашуда, таҳлилот ва шиносоӣ бо вазифаҳо ва тарзи ташкили кор дар муассиса ва иҷрои супоришҳои мушаххас ҳисоботи таҷрибаомӯзиро навишта, муқовабандӣ намояд;

- баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ рӯзнома ва тавсифномаро бо мӯхр ва имзои роҳбари муассиса (ё роҳбари таҷрибаомӯзӣ) гирифта, ба кафедра дар мӯҳлатҳои муайяншуда супорад;

- дар ҳолати якчанд нафар сафарбар шудан ба як объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисобот бояд бо ҳисоботҳои дигар якхела набошад;

- дар ҳолати тақризи манфӣ гирифтан аз роҳбар ё камбудӣ доштани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, хатогиҳоро бояд саривақт ислоҳ намояд;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро бо тартиб ва ҷадвали аз тарафи кафедра муайяншуда, дар назди комиссияи қабули ҳисоботҳо ҳимоя намояд;

- дар ҳолати насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар муддати муайяншуда ва ё ҳимоя накардан донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## 4. Ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ

1. Рӯзномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ки дар он корҳои рӯз ба рӯз баанҷомрасонида дар ҷойи таҷрибаомӯзӣ дарҷ меёбад ва аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса ба имзо расонида мешавад.

2. Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.

3. Тавсифномаи таҷрибаомӯз, ки аз тарафи роҳбари муассиса ё роҳбари таҷрибаомӯзи аз муассиса навишта шуда, имзо ва мӯҳр гузошта шудааст.

## 5. Барномаи таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ

Барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дарбар мегирад:

1. Нақшаи тақвимии мавзӯот барои таҳлил ва омӯзиш;

2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ;

## 5.1. Нақшаи тақвимии мавзӯот барои таҳлил ва омӯзиш

| № | Номгӯи мавзуот | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|
| 1. | Шиносоӣ бо сохтори истеҳсолӣ ва ташкилии муассисаи (объекти) таҷрибаомӯзӣ | 1 рӯз |
| 2. | Омӯзиши вазифаҳои асосии оинномавии муассисаи (объекти) таҷрибаомӯзӣ ва муайян кардани мавқеи он дар соҳа. Дида баромадани дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти муассисаро ба танзим медоранд. | 2 рӯз |
| 3. | Омӯзиши самти фаъолият ва вазифаҳои асосии шӯъба(ҳо) ва ё сохторҳои алоҳидаи муассиса вобаста ба самти ихтисос | 5 рӯз |
| 4. | Омӯзиш ва таҳлили тартиби ташкили раванди кор дар шӯъба(ҳо) ва ё сохторҳои алоҳидаи муассиса, хусусиятҳои маҳсулот ё хадамоти истеҳсол намудаистода | 6 рӯз* |
| 5. | Таҳлили алоқамандии муассиса (шӯъба) бо шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ ва хусусиятҳои фаъолияти он дар ин самт | 10 рӯз* |

| | | |
|---|---|---|
| 6. | Омӯзиши сиёсат, самаранокии фаъолияти идоракунӣ, стратегия, хусусиятҳои тадқиқот, барномасозӣ ва дигар чорабиниҳо дар самти робитаҳои иқтисодии хориҷии муассиса ва ё саҳми он дар мамлакат | 10 рӯз* |
| 7. | Таҳлили ҷараёни иттилоотӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, технологияи коркарди иттилоот оид ба самти фаъолияти муассиса (шӯъба) | 2 рӯз |
| 8. | Таҳлили иттилоот оид ба самти тадқиқот дар доираи кори дипломӣ ва иҷроиши супориши мушаххас | Дар давоми таҷрибаомӯзӣ |

* бо дарназардошти рӯзҳои шанбе

## 5.2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ

Донишҷӯ-таҷрибаомӯз дар давраи таҷрибаомӯзӣ бояд маводи оморӣ ва амалиро ҷамъ намояд, онҳоро коркард намуда, барои навиштани ҳисобот ва кори дипломӣ истифода барад. Бо супориши мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ донишҷӯ-таҷрибаомӯз адабиётҳои заруриро низ омӯхта, алоқамандӣ ва усули истифодаи онро дар таҷриба аз тарафи муассиса таҳлил намояд. Дар асоси таҷрибаи муассисаҳо, корхонаҳо, ширкатҳо, ки дар адабиёт оварда шудааст, таҳлили муқоисавӣ аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз гузаронида шавад.

Дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ маводҳои таҳлилшуда барои навиштани кори дипломӣ ва ҳисоботи таҷриабаомӯзӣ истифода карда мешавад.

**Мавзӯи 1. Шиносоӣ бо сохтори истеҳсолӣ ва ташкилии муассисаи (объекти) таҷрибаомӯзӣ**

Дар раванди таҷрибаомӯзӣ бояд масъалаҳои зерин омӯхта шавад:

Номгӯи муассиса, маълумотномаи кӯтоҳи таърихӣ оид ба фаъолияти он. Нақшаи ташкилотии муассиса, сохтори идоракунӣ ва таркибии муассиса.

Нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии муассиса дар давраи фаъолият. Дараҷаи ташкили ҳисобгирии кор дар муассиса.

**Мавзӯи 2. Омӯзиши вазифаҳои асосии оинномавии муассисаи (объекти) таҷрибаомӯзӣ ва муайян кардани мавқеи он дар соҳа. Дида баромадани дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти муассисаро ба танзим медароранд.**

Вазифаҳои асосии муассиса ва мақсади фаъолияти (ташкили) он. Оиннома, дастурамали фаъолият, ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки фаъолияти муассисаро ба танзим медароранд.

Муассисони корхона ё тобеияти он ва вазорату ташкилотҳо. Шакли моликият.

Мавқеи муассисаи (объекти) таҷрибаомӯзӣ дар соҳа. Нишондиҳандаҳои бухгалтерии муассиса, таҳлили баланси муҳосиботии муассиса. Сарчашмаи молиякунонии муассиса ва истифодаи маблағҳо дар самтҳои фаъолият.

## Мавзӯи 3. Омӯзиши самти фаъолият ва вазифаҳои асосии шӯъба(ҳо) ва ё сохторҳои алоҳидаи муассиса вобаста ба самти ихтисос

Вазифаҳои асосии шӯъба(ҳо) ё сохторҳои муассиса, ки мувофиқи тақсимот донишҷӯ сафарбар карда шудааст. Вазифаҳо дар самти фаъолияти иқтисодии беруна вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ.

Хусусиятҳои иҷрои вазифаҳо аз тарафи шӯъба (департамент).

**Мавзӯи 4. Омӯзиш ва таҳлили тартиби ташкили раванди кор дар шӯъба(ҳо) ва ё сохторҳои алоҳидаи муассиса, хусусиятҳои маҳсулот ё хадамоти истеҳсол намудаистода**

Вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои сардор ва коркунони шӯъба (департамент). Принсипи ташкили кор ва ҷараёни фармоишӣ-иҷроишӣ.

Хусусиятҳои кори иҷрокардаистода. Намуди маҳсулот ё хадамоти истеҳсолшудаистода. Аҳамияти маҳсулот (хадамот) барои муассиса, соҳа ва ё мамлакат.

**Мавзӯи 5. Таҳлили алоқамандии муассиса (шӯъба) бо шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ, истифодаи самараноки инвеститсияҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва хусусиятҳои фаъолияти он дар ин самт**

Фаъолияти муассиса дар самти муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ ё алоқамандӣ бо он. Самти фаъолияти шӯъба(ҳо) дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ.

Таҳлили ҳиссаи муассиса дар самти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, муайяннамоии стратегияи он, тадқиқот дар ин самт ва ғайраҳо.

## Мавзӯи 6. Омӯзиши сиёсат, самаранокии фаъолияти идоракунӣ, стратегия, хусусиятҳои тадқиқот, барномасозӣ ва дигар чорабиниҳо дар самти робитаҳои иқтисодии хориҷии муассиса ва ё саҳми он дар мамлакат

Омӯзиш ва таҳлил вобаста ба самти фаъолияти муассиса

**Муассисаи молиявию қарзӣ:**

- хусусиятҳои ташкили кор дар шӯъбаи (департаменти) робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;

- сиёсати муассиса дар самти робитаҳо бо бонкҳои мамолики хориҷӣ;

- таҳлили фаъолияти шуъбаи кор бо асъори хориҷӣ;

- тарзи кушодан ва ҳуҷҷатҳои меъёрии суратҳисоби асъорӣ;

- таҳлили амалиётҳои асъории муассиса;

- хусусияти қарздиҳӣ ва таҳлили амалиётҳои қарзӣ;

- муросилоти бонк;

- иштирок дар низомҳои байналмиллалии молиявию қарзӣ ва таҳлили он;

- тартиби ҳисоббаробаркунӣ ва хусусияти хадамот ба ширкатҳо;

- дигар амалиётҳои молиявию қарзӣ.

**Муассисаи истеҳсолӣ:**

- алоқаҳои берунииқтисодии муассиса ва ташкили кор дар ин самт;

- иштироки сармояи хориҷӣ дар муассиса (шакли ҳуқуқӣ: корхонаи муштарак, ҷамъияти саҳомӣ ва ғайра);

- таҳлили воридот ё содироти маҳсулот (хадамот);

- ҳиссаи муассиса дар соҳа;

- роҳҳо ва усули фурӯши маҳсулот (хадамот) дар бозори миллӣ ва хориҷӣ;

- стратегияи нархгузорӣ ва сиёсати муассиса дар ин самт;

- истифодаи усулҳои тадқиқоти вазъи (конъюнктураи) бозор ва чораҳои маркетингӣ;

- истифодаи идоракунии корпоративӣ дар муассиса;

- таҳлили дурнамои муассиса дар самти истеҳсолӣ-содиротӣ.

**Муассисаи танзими давлатӣ (вазорат, кумита, агентӣ ва ғайра):**

- фишангҳои асосии танзим ва назорати давлатӣ аз болои фаъолияти иқтисодии беруна;

- мувафақиятҳо дар самти пешбарии сиёсати давлатӣ ва иҷрои барномаҳо;

- таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки дар он самт муассисаи танзими давлатӣ фаъолият дорад;

- ба консепсияҳо мувофиқат намудани усули танзими давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисодии беруна ва робитаҳои илмӣ-тадқиқотӣ;

- чораҳои дастгирӣ намудани соҳибкории щаклҳои гуногун ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат;

- тарзи таҳия ва қабули барномаҳои инкишоф аз тарафи муассиса;

- амалигардонии барномаҳо, лоиҳаҳо ва стратегияҳо аз тарафи муассиса.

**Муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ:**

- самти тадқиқот ва хусусиятҳои амалигардонии он;

- таҳлили ҳисоботҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва натиҷаҳои назарраси он дар самти инкишофи соҳаҳои иқтисодӣ ва робитаҳои хориҷии иқтисодӣ;

- тарзи пешниҳоди натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ба ҳукуматҳо ва самаранокии онҳо;

- самаранокии чорабиниҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар сатҳи муассисавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- усулҳои тадқиқот ва тартиб додани консепсияҳо дар самти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисодии мамлакат.

**Созмони байналмилалӣ:**

- самти фаъолияти созмон дар таъмини инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ғайраҳо;
- таҳлили барномаҳои амалигардида дар самти инкишофи иқтисодии мамлакат аз тарафи созмон;
- таҳлили ҳисоботҳо ва барномаҳои аз тарафи созмон таҳияшуда;
- натиҷаҳои мониторинги фаъолияти созмон ё амалигардонии барнома ё лоиҳаҳо;
- миқдори лоиҳаҳои дар самти инкишофи мамлакат молиякунонидашуда;
- таҳлили механизми қарздиҳӣ, бурсдиҳӣ ва кумакрасонӣ аз тарафи созмон;
- таҳлили дурнамои ҳамкории мамлакат бо созмон.

**Мавзӯи 7. Таҳлили ҷараёни иттилоотӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, технологияи коркарди иттилоот оид ба самти фаъолияти муассиса (шӯъба)**

Усулҳои ҷамъкунии иттилоот аз тарафи муассиса (шӯъба), сарчашмаи он, тарзи коркард ва истифода аз тарафи роҳбари муассиса (шӯъба).

Ҳуҷҷатгузорӣ ва нигоҳдории иттилоот дар муассиса. Истифодаи иттилоот дари самти фаъолияти муассиса.

**Мавзӯи 8. Таҳлили иттилоот оид ба самти тадқиқот дар доираи кори дипломӣ ва иҷроиши супориши мушаххас**

Ҷамъ намудани иттилооти зарурӣ, маводҳои рақамӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар самти тадқиқот аз тарафи донишҷӯ вобаста ба мавзӯи кори хатмкунӣ (дипломӣ). Ин раванд мустақилона ва инчунин бо супориши мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ ё кори дипломӣ сурат гирифта метавонад (дар замима мавзӯъоти намунавии

супориши мушаххас оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ оварда мешавад).

**6. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ**

6.1. Дар анҷоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ-таҷрибаомӯз бояд дар муддати ***як ҳафта*** ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолиро ба кафедра супорад. Номугӯи ин ҳуҷҷатҳо дар банди 4 дастури мазкур оварда шудааст.

6.2. Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ҳуҷҷати асосии ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси он гузаштани таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишҷӯ тасдиқ меёбад.

Дар рӯзнома маълумоти зерин дарҷ карда мешавад:

- нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзӣ вобаста ба барномаи таҷрибаомӯзӣ (аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва муассиса бо имзо тасдиқ карда ва назорат бурда мешавад);

- супориши мушаххаси таҷрибаомӯзӣ;

- мундариҷаи корҳои иҷрошудаи ҳаррӯза ва раванди гузаштани таҷрибаомӯзӣ (бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса дар ҳар як саҳифа);

- тавсифномаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса оид ба корҳои баанҷомрасонидаи таҷрибаомӯз ва иҷрои супоришҳои мушахас, интизому муносибат ба кор ва ҷидду ҷаҳди ӯ, инчунин баҳои тавсиявӣ нисбати таҷрибаомӯзӣ;

- хулосаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра доир ба таҷрибаомӯзии донишҷӯ (мувофиқат ба барномаи мазкур, иҷрои супоришҳои мушаххас, мувофиқати мазмуни ҳисобот ба мундариҷа ва талаботи мавҷуда, баҳои тавсиявии роҳбар ба донишҷӯ-таҷрибаомӯз);

- баҳои санҷишӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ (баъди ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ).

6.3. Таҳия ва барасмиятдарории *ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ* аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз марҳалаи интиҳоии он ба ҳисоб меравад.

Дар ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ маълумот оид ба муассиса ва сохтори он, дигар маълумотҳои зарурӣ вобаста ба барномаи мазкур, таҳлили маводҳои ҷамъшуда, факту рақамҳо ва нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ оварда мешавад.

Ҳисобот дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифаи дастнавис (дар ҳолати чопӣ бо фосилаи 2) пешниҳод карда мешавад. Шакли беҳтари мақбул чопӣ мебошад. Варақаи авали он дар замимаи 3 оварда мешавад.

Сохтори ҳисобот иборат аст аз: аз сарсухан, бобҳои мухталифи он (на кам аз се боб), хулосаву пешниҳодот ва замимаҳо.

Дар сарсухан маълумоти мухтасар оид ба муассиса (объекти таҷрибаомӯзӣ), сохтори ташкилӣ ва идоракунии он, таърихи пайдоиш оварда мешавад, ки дар барномаи мазкур қайд карда шудааст. Инчунин, вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ қайд карда мешавад.

Қисмҳои (бобҳои) алоҳидаи ҳисобот вобаста ба ҳалли маъалаҳо, супоришҳои мушаххас ва вазифаҳои гузошташуда ташкил меёбад.

Қисматҳои тавсиявии ҳисобот:

а) вазифаҳои иқтисодии муассиса ва шӯъбаҳои он, ки донишҷӯ дар онҳо таҷрибаомӯзӣ гузаштааст. Тартиби ташкили равандим кор дар шӯъбаҳо ва хусусиятҳои асосии маҳсулоти истеҳсолкардаистода ё хадамоти расонидаистода. Агар донишҷӯ дар якчанд шӯъбаҳо таҷрибаомӯзӣ гузашта бошад, ин масоил дар зерқисматҳо дарҷ карда мешавад.

б) амалиётҳои асосӣ, дастурҳо ва меъёрҳо оид ба ташкили раванди кор, тарзу усули иҷрои вазифаҳо ва амалиётҳо. Таҳлили ҳисоботҳои муассиса ва тавозуни ҳисобии муассиса. Ба низомдарории маводи ҷамъкардашуда аз муассиса.

в) таҳлили вазъи умумии муассиса ё самти фаъолияти он аз рӯи супоришҳои мушаххас ва масъалаҳои дар барномаи мазкур дарҷгардида. Таҳлили факту рақамҳо оид ба вазъи умумии соҳаи фаъолияти муассиса. Ҳисобот оид ба ҷамъи маводҳо аз муассиса ва иҷроиши супориши мушаххас.

Дар қисми хотимавии ҳисобот донишҷӯ-таҷрибаомӯз дар асоси таҳлилоти гузаронидааш оид ба самти фаъолияти муассиса хулосаҳои зарурӣ карда, оид ба беҳбудии коргузорӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар муассиса ва ё инкишофи соҳа пешниҳодоти худро ирсол менамояд.

Дар замима нақшаҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳо, намунаҳои ҳуҷҷатҳои дар муассиса (шӯъба) истифодашаванда, санадҳои меъёрӣ ва ғайра оварда мешаванд.

Ҳангоми дар қисмҳои кор дарҷ гадидани ҷадвалҳои рақамӣ онҳо паиҳам бояд рақамгузорӣ карда шаванд (Масалан: Ҷадвали 2.3 – яъне ҷадвали 3-юми боби 2-и ҳисобот аст).

Замимаҳо аз давоми хулосаву пешниҳодот оварда шуда, саҳифаҳояш рақамгузорӣ карда намешаванд. Дар кунҷи рости болоии ҳуҷҷатҳои замимавӣ «Замима» навишта шуда, бо рақами арабӣ ишора карда мешавад (Масалан: Замимаи 4).

6.4. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра баъди ба қайд гирифтан ҳисоботро аз нуқтаи назари

мувофиқат намудан ба талаботи мавҷуда ва дурустии пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ санҷида дар рӯзнома хулосаи худро менависад ва баҳои тавсиявии донишҷӯро пешниҳод мекунад ва дар варақаи аввали ҳисобот ба ҳимоя иҷозат дода шудани ҳисоботро дарҷ намуда имзо ва санаро мегузорад. Дар ҳолати дорои камбудӣ будани ҳисобот ё рӯзнома онро барои ислоҳ ба донишҷӯ бармегардонад.

Мудири кафедра бо тасдиқи садорати факултет ҷадвали ҳимояи ҳисоботҳоро тартиб дода (дар се давр), ҳайати комиссияи қабули ҳимояи ҳисоботро таъин мекунад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра дар ин ҳайат буда метавонад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса рӯзи ҳимояи донишҷӯ-таҷрибаомӯз иштирок карда метавонад.

Вақти ҳимояи ҳисобот донишҷӯ дар муддати 10-12 дақиқа оид ба иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ ва хусусияти фаъолияти муассиса баромад мекунад ва бештар аз нуқтаи назари алоқамандии назария бо амалия фаъолияти

муассисаро шарҳ медиҳад. Инчунин ӯ, корҳои дар вақти таҷрибаомӯзӣ ба иҷро расонидаашро шарҳ дода, хулосаву пешниҳодоти худро ирсол менамояд.

Ҳайати комиссия аз рӯи натиҷаи ҳимоя ба донишҷӯ баҳогузорӣ менамояд (аз рӯи низоми панҷхола). Баҳо дар протоколи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, варақаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи донишҷӯ гузошта мешавад ва ҳамаи ҳайати комиссия имзои худро мегузоранд. Нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ чунинанд: баромади донишҷӯ дар вақти ҳимоя, баҳоҳои тавсиявии роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, пуррагии шарҳи маводи овардашуда, ҷавоб ба саволҳо.

Агар донишҷӯ аз вақти муайяншуда ҳисоботро дертар ба кафедра супорад баҳои ӯ як хол паст карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зерин донишҷӯ аз Донишгоҳ хориҷ мешавад:

- ба кафедра бе сабабҳои узрнок дар мӯҳлатҳои муайяншуда насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ё ҳимоя накардани он;

- иҷро накардани барномаи таҷрибаомӯзӣ;

- тақризӣ манфӣ гирифтан аз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса;

- нарафтан ба муассиса ва овардани ҳисоботи қалбакӣ (аз тарафи кафедра санҷида мешавад);

- баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан дар ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ (баъди натиҷаи се давр).

## Замимаи 1

### СУПОРИШОТИ МУШАХХАС ДАР ТӮЛИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

**1. Супоришоти мушаххас барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ**

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

**2. Мундариҷаи супоришоти мушаххас** ________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

**Имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз мактаби олӣ** ______________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

**Замимаи 2**

**Намунаи мавзуоти супоришоти мушаххас барои таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолӣ[1]**

1. Таҳлили содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Таҳлили воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Таҳлили фаъолияти муассиса ва самаранокии он
4. Мавқеи Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ дар низоми тиҷорати берунаи мамлакат
5. Фишангҳои асосии танзими давлатии иқтисодиёт ва тиҷорати беруна
6. Роҳҳои асосии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ
7. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мамлакат ва таҷрибаи ҷаҳонӣ
8. Тарзи таҳия ва амалигардонии стратегияи содиротии мамлакат
9. Тарзи таҳия ва амалигардонии стратегияи рушди миллӣ
10. Таҳлили сохтории сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҶТ
11. Таҳлили фаъолияти биржавӣ дар ҶТ
12. Вазъи амалиётҳои ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ дар ҶТ
13. Сохтори низоми бонкии ҶТ
14. Ҷорикунии амалиётҳои бонкии байналмилалӣ дар ҶТ
15. Таҳлили амалиётҳои лизингӣ дар ҶТ
16. Истифодаи таҷрибаи корӣ дар низоми бонкӣ-молиявии ҶТ
17. Таҳлили инкишофи соҳа дар ҶТ

[1] Вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ

18. Воситаҳои рекламаи маҳсулот ва истифодаи онҳо дар ҶТ
19. Вазъи инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ дар ҶТ
20. Ҳамкориҳои соҳибкорони маҳаллӣ бо хориҷӣ
21. Вазъи робитаҳои иқтисодии хориҷии муассиса
22. Ҳамкории ҶТ бо созмонҳои хориҷӣ
23. Таҳлили саҳми маблағгузории хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиву иҷтимоии ҶТ
24. Мавқеи сохтори давлатӣ дар инкишофи соҳа ва роҳҳои беҳбуди он
25. Саҳми бонк дар инкишофи низоми соҳибкории хурду миёна
26. Фаъолияти қарздиҳии бонк ва сарчашмаҳои қарз дар замони муосир
27. Аҳамияти бонк дар ҷорӣ намудани амалиётҳои байналмилалии бонкӣ
28. Мавқеи институти тадқиқотӣ дар низоми идоракунии давлатӣ
29. Нишондиҳандаҳо ва усулҳои таҳлили вазъи иқтисодӣ
30. Тарзи ҷамъ, коркард ва пешниҳоди иттилооти иқтисодӣ
31. Сиёсати иқтисодии мамлакат ва тарзи амалигардонии он аз тарафи муассиса
32. Таҳлили мавқеи ҷаҳонӣ ва афзалияти мамлакат дар соҳа
33. Ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва роҳҳои таъмини амнияти иқтисодӣ аз тарафи муассисаи давлатӣ
34. Истифодаи шаклҳои корпоративии идора дар ширкат
35. Вазъи молиявии муассиса ва роҳҳои беҳбу

**Замимаи 3 (Намуна)**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ**

**Кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ**

# Ҳ И С О Б О Т

**оид ба таҷрибаомӯзии ____________________**

**(истеҳсолӣ, таълимӣ, пешаздипломӣ)**

**дар ________________________________________**

**(номи муассиса)**

**Иҷро кард: донишҷӯи курси ___ -у(ю)ми**
**ихтисоси 2501030-00 - иқтисодиёти**
**ҷаҳон, гурӯҳи________**

**_______________________**
**(ному насаб)**

**Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра:**

**__________________________**
**(ному насаб) ( имзо)**

**Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса:**

**__________________________**
**(ному насаб) ( имзо)**

**Ба кафедра супорида шуд: ____________________№___**
**(сана ва имзои шахси мутасаддӣ)**

**Баҳои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ бо қарори комиссия________________**

**(имзои ҳайати комиссия)**

**Душанбе**-2022